ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**УДК: 347.4 (575.3)**
**ББК: 67.404**
**М – 63**

**МИРЗОЕВ СУБҲОНАЛӢ АҲТАМҶОНОВИЧ**

# ТАНЗИМИ ШАРТНОМАВИИ ТАЪМИНИ БАРҚ

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи
гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи
байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

**Душанбе – 2020**

**Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ДДТТ) иҷро гардидааст**

**Роҳбари илмӣ:** **Исмаилов Шавкат Маҳмудович –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** **Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сарходими Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Пулатов Азамат Содикҷонович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Муассисаи давлатии **«Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (ш. Душанбе).

Ҳимояи диссертатсия 29 сентябри соли 2020, соати $11^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди ДМТ (734025, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, толори Шӯрои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи марказии ДМТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «________» ___________ соли 2020 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот.** Дар айни замон ҳаёти ҳаррӯзаи одамон, бахши саноат, кишоварзӣ ва дигар бахшҳои иқтисодӣ-иҷтимоиро бидуни истифодаи неруи барқ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Барои ҳар давлати муосир энергетика бахши стратегии иқтисодиёти он маҳсуб мешавад. Амнияти энергетикӣ бошад, имрӯз ҷузъи муҳими на танҳо амнияти миллӣ, балки ҷузъи амнияти глобалии инсоният ба ҳисоб меравад.

Ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) барои давраи то соли 2030, ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 1 декабри соли 2016, № 636 тасдиқ шудааст барои ноилшавӣ ба ин ҳадафи олӣ, ки яке аз он таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ ба ҳисоб меравад барои 15 соли оянда муайян шудааст[1].

Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти муҳим доштани соҳаи энергетика дар сиёсати давлатии Тоҷикистон зарурати танзими мушаххаси ҳуқуқии масъалаҳои вобаста ба рушди ин соҳа ба миён меояд. Дар ин соҳаи муҳими стратегӣ бартараф намудани мушкилоту камбудиҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ, инчунин андешидани тадбирҳо доир ба истифодаи оқилонаву сарфакорона аз захираву имкониятҳои энергетикии кишвар, дуруст ба роҳ мондани истифодаи ҳарчи пурра ва самарабахши иқтидорҳои иншооти мавҷудаи энергетикӣ, андешидани тадбирҳо барои таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар дар навбати аввал меистад[2]. Тавре ки аён аст, аз ибтидои қарни бистум, энергетика муҳаррики прогресси илмию технологӣ ва заминаи рушди босуръати иқтисодиёти ҳар як мамлакат гаштааст[3].

---

[1] Ниг.: Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 1 декабри соли 2016, – №636 тасдиқ шудааст [Манбаи электронӣ] – URL: https://investcom.tj/uploads/strateg2030.pdf (санаи муроҷиат: 08.12.2019).

[2] Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018–2028, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, № 1005 тасдиқ шудааст. Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри расмӣ. Маҷаллаи иттилооти ҳуқуқӣ. – 2018. – № 2 (117) қисми 1. – С. 119 – 136.

[3] Ниг.: Исмаилов Ш.М. Экономико – правовое обеспечение развития энергетики в Таджикистане // Энергетическое право. 2009. - № 2. - С.25.

Энергетика, аз ҷумла барои Тоҷикистон, яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳимтарини иқтисодиёти он маҳсуб меёбад[4]. Рушди имрӯзу фардои тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз истифодаи боигарии асосии мамлакатамон, яъне захираҳои гидроэнергетикӣ вобастагии бузург дорад. Зеро ягон кишвари дунё бе рушди энергетика, инчунин коммуникатсияи ҳозиразамон тараққӣ карда наметавонад. Аз ин лиҳоз, мо бунёди нерӯгоҳҳои барқи обиро калиди ҳалли мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва афзоиши нерӯи содиротии кишвар мешуморем. Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги барқароршавандаи гидроэнергетикӣ ва оби тоза мебошад, ки истифодаи оқилонаи онҳо на танҳо ба манфиати мардуми мамлакат, балки ба нафъи кишварҳои минтақа низ хоҳад буд.[5] Пешвои муаззами миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси олӣ, дар санаи 26 декабри соли 2019 ироа намуданд, ки амалишавии лоиҳаҳо дар соҳаи энергетика имкон дод, ки ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ дар 7 соли охир, яъне солҳои 2013-2019 - ум 1,3 баробар (аз 16 миллиард ба зиёда аз 20 миллиард киловатт - соат) афзоиш ёбад. Қайд гардид, ки истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, бахусус, захираҳои об яке аз сарчашмаҳои асосии тавлиди «энергияи сабз» ва рушди «иқтисоди сабз» ба ҳисоб меравад. Бо пурра ба кор даромадани нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» Тоҷикистон дар миқёси олам ба қатори се кишвари аввали тавлидкунандаи «энергияи сабз» шомил мегардад.[6]

Бояд қайд намуд, ки Паёми Президенти ҶТ ҳамчун ҳуҷҷати барномавӣ ва санади стратегии ҳадафманд бо тарзи масъалагузорӣ ва шарҳи зарурати он, таҳлили мушаххас ва хулосабарориҳо санади муҳимтарини ҳар як сол аст ва дар амал татбиқ гаштани вазифаҳои дар он гузошташуда, кулли масъалаҳои муҳими ҷомеа роҳи ҳаллӣ худро пайдо намуда, аз ҷумла рушди муътадили низоми иқтисоди миллӣ таъмин карда мешавад[7].

---

[4] Ниг.: Паёми Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 23 январи соли 2015 [Манбаи электронӣ] – URL: http://www.president.tj/node/8136 (санаи муроҷиат: 07.01.2019).

[5] Паёми Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26 апрели соли 2013 [Манбаи электронӣ] – URL: http://www.president.tj/node/4318 (санаи мурочиат: 07.01.2019).

[6] Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26 декабри соли 2019 [Манбаи электронӣ] – URL: http://www.president.tj/node/21975#vahdat (санаи мурочиат: 28.12.2019).

[7] Ниг.: Маҳмудзода М.А. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (маҷмӯи мақолаю маърӯзаҳо). – Душанбе: ЭР-граф, 2017. - С. 141.

Дар натиҷаи ислоҳотҳои дар ҶТ роҳандозишуда, бозори озоди молу маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, аз ҷумла бозори хариду фурӯши нерӯи барқ тавсеа ёфта, нақши шартнома дар муомилоти граждании ба таври назаррас баланд гашта, он дар аксар мавридҳо ягона санади танзимкунандаи муносибатҳои тарафайн дар муносибатҳои гражданӣ, бахусус муносибатҳо дар бахши таъмини нерӯи барқ мебошад.

Бо вуҷуди тақвият ёфтани нақши шартномаи таъмини барқ, як қатор масъалаҳои ба он марбут, аз ҷумла мафҳум, моҳияти ҳуқуқӣ, тарафҳо ва мазмуни он то кунун мавриди баҳсу мунозираи муҳаққиқон қарор доранд. Аз ин рӯ, зарурати анҷом додани тадқиқоти мукаммали илмӣ оид ба ин масъалаҳо ва асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии шартномаи мазкур аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ холӣ нест.

Аммо, бо вуҷуди тадқиқотҳои дар бахши танзими ҳуқуқии таъмини барқ анҷомдодашуда, паҳлуҳои гуногуни ин масъала то кунун ҳалли илман асоснок ва якзайлаи худро наёфтаанд. Механизми кунунии танзими ҳуқуқии таъмини барқ бошад, аз камбудию, норасоиҳо холӣ набуда, ба коркарди таклифу тавсияҳои асоснок ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии ниёзманд мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи иқтисодии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон омода карда шудааст. Яке аз бахшҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур «Ҳифзи гражданӣ – ҳуқуқии соҳибкорони инфиродӣ тибқи қонунгузории ҶТ» номгузорӣ шудааст, ки он фарогири мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия мебошад.

**Сатҳи таҳқиқи мавзӯи диссертатсионӣ.** Баъзе масъалаҳои ба бахши энергетикаи барқӣ ва истифодаи нерӯи барқ дахлдоштаро метавон дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ И.Ҳ. Бобоҷонзода, Р.Б. Бозоров, Ш.К. Бадалов, Ш.К. Ғаюров, Ш.М. Исмоилов, М.А. Маҳмудзода, Ҷ.С. Муртазозода, Ш.М. Менглиев, У.А. Меликов, П. Мирзоев, А. Пулатов, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинов, Д.С. Сафаров, Ф.С. Сулаймонов, Б.С. Сирожев, Ш.Т. Тағойназаров, Б.В. Юнусов ва дигарон метавон дарёфт намуд.

Зимни навиштани диссертатсия маводҳои илмии ба шартномаи таъмини барқ бахшидашудаи олимони россиягӣ М.М. Агарков, М.И. Брагинский, И.Л. Брауде, В.В. Витрянский, Ю.С. Гамбаров, О.А. Городов, И.В. Елисеев, О.С. Иоффе, П.В. Кашлаков, С.М. Корнеев, П.Г. Лахно, О.Н. Садиков, С.А. Свирков, Б.М. Сейнароев, Е.А. Суханов, А.М. Шафир ва дигарон, ки вобаста ба баъзе паҳлуҳои мавзӯи диссертатсия таҳқиқот анҷом додаанд, истифода шудаанд.

Таҳқиқотҳои рисолавӣ дар бахши танзими ҳуқуқӣ, аз ҷумла танзими шартномавии таъмини барқро бошад, олимони хориҷӣ Е.И. Верзаков[8], Е.В. Гончарова[9], О.А. Двинин[10], Е.О. Крассов[11], И.А. Лукьянцева[12], Е.Б. Огиренко[13], Е.Л. Осипчук[14], Н.В. Плешаков[15], И.Г. Цибирова[16] ва олими Тоҷикистонӣ Н. Шонасурдинов[17], анҷом додаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Ҳадаф аз анҷом додани таҳқиқоти илмии мазкур аз таҳлили қонунгузории ҷории ҶТ, ақида ва нуқтаҳои назар оид ба мафҳум, моҳияти ҳуқуқӣ, тарафҳо ва мазмуни шартномаи таъмини барқ, ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ барои вайрон намудани шартҳои он ва дар ин асос коркард ва манзур намудани тавсияю таклифҳо баҳри боз ҳам му-

---

[8] Верзаков Е.И. Договор снабжения электрической энергией в гражданском праве России: дис. … канд. юрид. наук. - Иркутск.: 2006. - 193 с.

[9] Гончарова Е.В. Договоры в сфере электроэнергетики России: дис. ... канд. юрид. наук. - Москва, 2010.- 195 с.

[10] Двинин О.А. Вопроси теории и практики договора электроснабжения в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. - М.: 2006. - 252 с.

[11] Крассов Е.О. Система договорных связей в сфере организации снабжения электрической энергией: дис. ... канд. юрид. наук. - Москва, 2009.- 221 с.

[12] Лукьянцева И.А. Договор энергоснабжения: Теория, законодательство и правоприменительная практика: дис. … канд. юрид. наук. - Краснодар.: 2009. - 190 с.

[13] Огиренко Е.Б. Договор снабжения электрической энергией в предпринимательской сфере России: дис. ... канд. юрид. наук. - Самара, 2005. - 108 с.

[14] Осипчук Е.Л. Договор энергоснабжения в системе договорных отношений на рынке электрической энергии России: дис. … канд. юрид. наук. - Москва, 2005. - 226 с.

[15] Плешаков Н.В. Проблемы правового регулирования договорных отношений на оптовом рынке электрической энергии: дис. ... канд. юрид. наук. - М., 2006. - 234 с.

[16] Цибирова И.Г. Договор энергоснабжения в гражданском праве Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. - М.: 2005. - 188 с.

[17] Шонасурдинов Н. Правовое обеспечение экономии и рационального использования электрической и тепловой энергии (гражданско-правовой аспект): дис. ... канд. юрид. наук. - Душанбе, 1988. - 196 с.

каммалтар намудани механизми танзими шартномавии муносибатҳои бахши таъминкунӣ бо нерӯи барқ иборат аст. Бо дарназардошти ҳадафҳои гузошташуда, чунин вазифаҳои мушаххаси тадқиқоти диссертатсионӣ муайян шудаанд:

– муайян ва таҳлил намудани мафҳум, аломатҳо ва хусусиятҳои хоси нерӯи барқ, ҳамчун мол ва объекти ҳуқуқҳои гражданӣ;

– таҳлили манбаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши таъминкунӣ бо нерӯи барқ;

– муайян намудани мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии шартномаи таъмини барқ;

– муайян намудани доира ва вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи таъмини барқ;

– таҳлили мазмуни шартномаи таъмини барқ;

– муайян намудани хусусиятҳои ҷавобгарии граждании тарафҳои шартномаи таъмини барқ;

– коркард ва манзур намудани тавсия, пешниҳод ва дархостҳо баҳри мукаммал намудани механизми ҳуқуқии танзими муносибатҳо дар бахши таъминкунӣ бо нерӯи барқ.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсияро** муносибатҳои ҷамъиятии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки дар соҳаи таъминкунӣ бо нерӯи барқ ба вуҷуд меоянд.

**Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз ақидаю афкори назариявӣ оид ба механизми ҳуқуқии танзими муносибатҳо дар бахши таъминкунӣ бо нерӯи барқ, қонунгузории қаблӣ ва амалкунандаи ҶТ оид ба таъминкунӣ бо нерӯи барқ, амалияи татбиқи шартномаҳо оид ба таъминкунӣ бо нерӯи барқ иборат аст.

**Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро** усулҳои умумӣ- илмӣ ва махсус, аз ҷумла диалектикӣ, таърихӣ - ҳуқуқӣ, муқоисавӣ - ҳуқуқӣ, таҳлили низомнок, функсионалӣ, таҳлил ва синтез, усулҳои мантиқии мушоҳида ва пешгӯии илмӣ ташкил медиҳанд.

**Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсияро** асарҳои олимони ҶТ, Федератсияи Россия ва давлатҳои дигар, ки ба масъалаҳои умумии танзими ҳуқуқии муносибатҳои гражданӣ - ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини нерӯи барқ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Манбаи асосии таҳқиқот корҳои илмии муаллифони ватанию хориҷӣ дар бахши ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи энергетикӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ ба ҳисоб мераванд.

**Заминаи меъёрии таҳқиқоти диссертатсияро** Конститутсияи ҶТ, Кодекси граждании ҶТ (минбаъд – КГ ҶТ), Қонунҳои ҶТ «Дар бораи энергетика», «Дар бораи сарфаҷӯии энергия», Қоидаҳои истифодаи нерӯи барқ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ Паёмҳои Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ ба сифати роҳнамо ва заминаи муҳимтарин истифода шудаанд. Ҳамзамон, санадҳои Суди иқтисодии шаҳри Душанбе, Судҳои ноҳияҳои Фирдавсӣ ва И. Сомонии шаҳри Душанбе барои таҳқиқи амалияи мавҷуда ҳамчун замина хизмат намудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки хулоса ва муқарраротҳои дар он инъикосшударо метавон дар тадқиқотҳои минбаъдаи масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ, бахусус танзими шартномавии таъмини барқ истифода намуд. Тавсия ва таклифҳои дар таҳқиқот пешниҳодшударо ба мақсади такмил додан ва мукаммал намудани қонунгузории ҶТ, ки муносибатҳои ҷамъиятии дар бахши бо нерӯи барқ таъминкунӣ ва истифодаи он ба вуҷуд меомадаро танзим мекунад, истифода намудан аст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар шароити роҳандозӣ намудани ислоҳот дар бахши электроэнергетика ва дар ин иртибот анҷом додани такмили қонунгузорӣ оид ба ин бахши иқтисодиёти Тоҷикистон анҷом дода шуда, дар он як қатор муқаррарот, таклифу тавсияҳои нав ҷиҳати мукаммалгардонии минбаъдаи қонунгузорӣ оид ба механизми танзими ҳуқуқӣ, аз ҷумла механизми танзими шартномавии таъминкунӣ бо нерӯи барқ, пешниҳод шудаанд.

Ба ҳимоя **нуктаҳои илмии** зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқотро инъикос менамоянд:

1. Дар рисола бо далелҳои илмӣ асоснок карда мешавад, ки энергия (нерӯи барқ) дар қатори неъматҳои моддӣ ҳамчун ашёи манқулаи беҷисм дар ҳуқуқи гражданӣ ба шумор рафта, хусусиятҳои хоси худро доро мебошад (муттасилӣ (ногуссастании) раванди истеҳсол, интиқол ва истифодаи энергия; энергияро бо дарназардошти хосиятҳои физикии он ғундоштан, андухтан, захира кардан, ба мисли дигар молҳо дар анборҳо ё зарфҳои махсус нигоҳ доштан ғайриимкон аст; азбаски энергия ҳамзамон бо интиқоли он истеъмол карда мешавад, онро наметавон баргардонд; нерӯи барқ ва гармиро танҳо тавассути шабакаи пайвасткунӣ интиқол додан мумкин аст; нерӯи барқ осон ва зуд ба масофаи дур бо шабакаҳои барқӣ интиқол дода мешавад ва ғ.).

2. Шартномаи таъмини барқ як намуди алоҳидаи шартномаи хариду фурӯш маҳсуб меёбад, ки дар қиёс бо дигар намудҳои шартномаи хариду фурӯш танзими хоси ҳуқуқиро тақозо менамояд. Аз ҷумла: таҳвили мол ба истеъмолкунанда бо роҳи интиқоли энергия тавассути шабакаи пайвастшуда ба дастгоҳи барқии ӯ сурат мегирад; ба зимаи муштарӣ вазифаҳои иловагӣ баҳри таъмини риояи реҷаи истифодаи нерӯи барқ, бехатарии истифодаи шабакаҳои дар ихтиёраш қарордошта, бекамукостии лавозимот ва таҷҳизоти дахлдори алоқаманд бо истифодаи чунин маҳсулоти махсус, ҳамчун энергия, гузошта мешавад; ба ташкилоти таъминкунандаи энергия дар ҷодаи назорати ҳолати техникии дастгоҳи энергетикӣ, лавозимоту таҷҳизоти муштарӣ, ҳуқуқҳои иловагӣ дода мешавад; нерӯи барқро ба мисли чизҳои дигар дар анборҳо нигоҳ доштан, ба микдори зиёд, аз ҷумла дар аккумуляторҳо ҷамъ намудан, ғайриимкон аст; энергияро ба мисли дигар ашёҳо дида ва ламс намудан ғайриимкон мебошад.

3. Асоснок карда мешавад, ки муносибатҳои байни муштарӣ ва муштарии фаръӣ баҳсталаб аст, чунки муштарӣ намехоҳад, уҳдадории иловагиро ҳангоми додани нерӯи барқ ба муштарии фаръӣ пайдо кунад. Дар робита ба ин, мо дар қ. 3, м. 576 КГ ҶТ вогузор намудани уҳдадориҳои муштариро ба зиммаи муштарии фаръӣ зимни интиқоли нерӯи барқ зарур медонем.

4. Ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда субъекти асосии шартномаи таъмини барқ мебошад ва ворид намудани таърифи он дар қонунгузории гражданӣ мувофиқи мақсад аст.

5. Ҷавобгарии гражданӣ - ҳуқуқӣ дар муносибатҳои байни ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда ва муштарӣ хусусияти хоси худро дорад. Ҷавобгарии ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда барои вайрон намудани уҳдадорӣ тибқи шартномаи таъмини барқ ба таваккал асос ёфта, бидуни гуноҳ фаро мерасад. Зимнан муштарӣ танҳо дар сурати ҷой доштани гуноҳ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

6. Дар баробари руёнидани ноустуворона ва товони зиёни воқеӣ, дар шартномаи таъмини барқ руёнидани фоизҳо барои истифодаи воситаҳои пулии ғайр пешбинӣ шуданаш мумкин аст. Мувофиқи муқаррароти қ. 1, м. 426 КГ ҶТ, барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағи ғайр дар натиҷаи иҷро накардани уҳдадории пулӣ ё гузаронидани муҳлати пардохти он ё бидуни асос гирифтани он ё ба амонат гузоштан аз ҳисоби шахси дигар, бояд ба андозаи ин маблағ фоиз пардохта шавад, ки андозаи он бо дарназардошти ставкаи миёнаи фоизи бонк, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи иҷрои уҳдадории пулӣ ё қисми дахлдори ин уҳдадорӣ муайян карда-

аст, ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар ин заминаи ҳуқуқӣ хуб мешуд агар руёнидани фоизҳо барои аз тарафи муштариён ғайриқонунӣ истифода бурдани воситаҳои пулии ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда, ба муқаррароти умумии м. 426 КГ ҶТ асос ёбад.

7. Бо муқаррароти м. 186 КГ ҶТ аҳдҳои байни шахсони ҳуқуқӣ, байни шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон ҳатман ба таври хаттӣ баста мешаванд. Азбаски яке аз тарафҳои шартномаи таъмини барқ ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда мебошад, пас қоидаҳои м. 186 КГ ҶТ нисбати онҳо низ татбиқ мешаванд. Аз ин лиҳоз пешниҳод карда мешавад, ки дар қ. 2 КГ ҶТ шабеҳи шартномаҳои хариду фурӯши ашёҳои ғайриманқул, корхона, тухфа, иҷора, пудрат ва ғайра, шакли хаттии оддии бастани шартномаи таъмини барқ муқаррар карда шавад.

8. Таҳлили мазмуни моддаҳои қисми дуюми КГ ҶТ, ки ба шартномаи таъмини барқ бахшида шудаанд, имкон медиҳад ба якчанд норасоиҳои дар ин моддаҳо ҷойдошта таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Якум, дар моддаҳои 569, 571 КГ ҶТ ибораи «ташкилоти таъминкунандаи барқ», дар моддаҳои 570, 572, 574, 576, 578 ибораи «ташкилоти таъмини барқ» истифода шудаанд, дар ҳоле, ки чӣ аз лиҳози мазмун ва чӣ аз лиҳози таҳририӣ истифодаи ибораи «ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда» дуруст мебошад. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, дар моддаҳои зикршуда ба ҷои ибораҳои «ташкилоти таъминкунандаи барқ», «ташкилоти таъмини барқ», ибораи «ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда» – ро ба мақсад мувофиқ медонем. Дуюм, номи шартнома «Таъмини барқ», ба мазмуну муҳтавои он созгор нест. Ба андешаи мо дуруст мебуд, агар шартнома, «Шартномаи таъминкунӣ бо нерӯи барқ», номгузорӣ мешуд.

Бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузории граждани вобаста ба шартномаи таъмини барқ ворид намудани **тағйиру иловаҳои** зеринро мувофиқи мақсад медонем:

а) пешниҳод мешавад, ки номи зербоби 5, боби 29 КГ ҶТ бо таҳрири русӣ «Таъмини нерӯ» ба «Таъмин бо нерӯи барқ» иваз карда шавад;

б) дар қ. 3, м. 142 КГ ҶТ баъди ибораҳои «аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок» энергия (нерӯи барқ) ҳамчун ашёи манқула ва беҷисм илова карда шавад;

в) ба м. 569 КГ ҶТ дохил намудани чунин таърифи шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) пешниҳод карда мешавад: «Шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) чунин шартномае мебошад, ки тибқи он муштарӣ уҳдадор мешавад бо розигии ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда қисми нерӯи барқи дар асоси шартномаи

таъмини барқ тавассути шабакаи пайвастшуда қабул намудаашро ба субабонент (муштарии фаръӣ) интиқол диҳад, муштарии фаръӣ бошад уҳдадор мешавад, ки арзиши нерӯи барқи аз ӯ қабулкардаро пардохт намуда, реҷаи тибқи шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) муқарраршудаи истифодаи онро риоя намояд, бехатарии шабакаҳои энергетикӣ, бенуқсонӣ, бекамукостии дастгоҳу таҷҳизоти ба раванди истифодаи нерӯи барқ алоқамандро таъмин намояд»;

г) ба мақсади муайян намудани мафҳуми шартномаи таъмини барқ чунин таҳрири қ. 1, м. 569 КГ ҶТ пешниҳод мешавад: «Тибқи шартномаи таъмини барқ ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда уҳдадор мешавад фурӯши нерӯи барқ ба муштариро ба амал барорад, мустақиман ва мустақилона ё тавассути шахсони сеюм хизматрасониҳо ҷиҳати ба воситаи шабакаи пайвастшуда ба муштарӣ интиқол додани нерӯи барқ ва дигар намуди хизматрасониҳои ба раванди таъмини муштарӣ бо нерӯи барқ алоқамандро анҷом диҳад, муштарӣ бошад уҳдадор мешавад арзиши нерӯи қабулнамудаи барқ ва ҳақи хизматҳои ба манфиати он анҷомдодаро пардохт намояд, истифодаи бехатар, коршоямӣ ва бекамукостии шабакаҳои энергетикӣ, дастгоҳ ва таҷҳизоти дар ихтиёраш қарордоштаро таъмин намояд».

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон омода ва муҳокима шудааст. Инчунин диссертатсияи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) муҳокима гардида барои ҳимоя тавсия дода шудааст.

Хулосаҳо, муқаррарот ва таклифу тавсияҳои дар таҳқиқот пешниҳодшуда дар мақолаҳои ба чоп расидаи муаллиф ва як қатор конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ - назариявӣ инъикос ва баён шудаанд, аз ҷумла: дар конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Президенти ҶТ – ҳомии Конститутсия ва қонунҳо», бахшида ба ифтихори 20-солагии таъсиси ниҳоди президентӣ дар кишвар (ш. Душанбе, 25 ноябри соли 2010); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Масоил ва дурнамои рушди кооператсияи матлуботӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ», бахшида ба 90 – солагии кооператсияи матлубот (ш. Душанбе, 23-24 май соли 2012); конференсияи дуюми байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Тамоюли рушди иқтисодиёт ва таҳсилоти олӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (ш. Душанбе, 16-17 майи соли 2014); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалии «Нақши ҷавонон дар рушди илми ватанӣ» (ш. Душанбе, 22 майи соли 2015.); конференсияи байналмилалии илмии «Нақши олимони

ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технология», бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ (ш. Душанбе, 19-20 майи соли 2016); конференсияи дуюми байналмилалии илмӣ-амалии «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технология» (ш. Душанбе, 11-12 майи соли 2017); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии фосилавии «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ» (ш. Душанбе, 2-3 июни соли 2017); конференсияи илмию назариявии ҳайати илмию омӯзгорӣ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», 2018-2028 (ш. Душанбе, 18-23 июни соли 2018); конференсияи ҳафтуми байналмилалии илмӣ-амалии «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ» (ш. Душанбе, 21-22 июни соли 2019); конференсияи илмию назариявии ҳайати илмию омӯзгорӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон дар манзари ҷаҳонишавӣ» (ш. Душанбе, 29 – 31 майи соли 2019); конференсияи якуми илмӣ-амалӣ доир ба мавзӯи «Ҳуқуқ ва иқтисод» (ш. Душанбе, 11 октябри соли 2019) ва ғайра. Муаллиф ҷиҳати такмили моддаҳои 140, 570 ва 579 КГ ҶТ ба Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ тавсияҳои мушаххасро дар шакли хаттӣ (мактуб аз 19 апрели соли 2017, №120/16) ирсол намудааст. Аз рӯйи мавзӯи рисолаи номзадӣ, муаллиф 23 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати илм ва таҳсилоти олии ФР ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тавсиядиҳанда ба табъ расонд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва семинарӣ аз фанҳои «Ҳуқуқи граждании», «Таъминоти ҳуқуқии иқтисодиёт» дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шудаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии рисоланавис дар ҳолатҳои зерин инъикос меёбад: пешниҳоди навгонӣ ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, бо як услуби хоси навишт, ки марбут ба муаллиф аст, нашри мақолаҳои илмӣ, оид ба маводи рисолаи номзадӣ пайваста дар шакли маърӯза баромад кардан дар ҳамоишҳои илмӣ ва ғ. Ҳамзамон, дарёфти мушкилот ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли он дар рисолаи номзадӣ саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия вобаста ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот аз се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёти (маъхази) истифодашуда иборат мебошад. Нақшаи диссертатсия ба таври низомнок ва бо назардошти

пайдарҳамии мантиқӣ омода шудааст. Диссертатсия аз 176 саҳифа иборат мебошад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи он, мавзӯъ, объект, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия – «**Тавсифи умумии нерӯи барқ дар ҳуқуқи гражданӣ**» аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби якум – «**Нерӯи барқ ҳамчун ашё ва объекти ҳуқуқи гражданӣ**» ном дошта, муаллифи диссертатсия бо дарназардошти адабиёти илмӣ ва қонунгузории гражданӣ нерӯи барқ ва захираҳои энергетикиро ҳамчун неъматҳои моддие меҳисобад, ки оид ба онҳо муносибатҳои молу мулкӣ ба вуҷуд меоянд. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили фикру ақидаҳои олимон дар бораи мафҳум, моҳият ва аломатҳои ба он хос (М.И. Брагинский, Ш.К. Ғаюров, О.А. Двинин, У.А. Меликов, П.Г. Лахно, М.З. Раҳимов, Е.А. Суханов), муаллиф якчанд хулоса баровардааст: якум, энергия, аз ҷумла энергияи баркро ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ ҳисобидан комилан дуруст аст; дуюм, нерӯи барқ чунин неъмати муфидест, ки онро бо чашм, гуш, бинӣ эҳсос намудан ғайриимкон ва кушиши ба дигар узвҳои бадан (масалан, даст) ошкор намудан барои ҳаёт ва саломатӣ хатари ҷиддӣ дорад; сеюм, хусусиятҳои ба нерӯи барқ хос ва фарққунандаи он аз дигар намудҳои объектҳои ҳуқуқи гражданӣ, ба тафовути ҷиддии муносибатҳо нисбати ин объект ба вуҷуд меомада ва тартиби танзими ҳуқуқи онҳо мегардад; чорум, нерӯи барқ ашёи беҷисм мебошад.

Муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар қ. 3, м. 142 КГ ҶТ дар қатори ашёҳои манқула энергия (нерӯи барқ) ҳамчун ашёи беҷисм ворид карда шавад, зеро энергия ба сифати моли махсус дар қатори дигар молҳо мутобиқи шартнома фурӯхта мешавад ва ҳамчун неъмати муфид барои қонеъ намудани талаботи моддӣ ва маънавии инсон зарур аст.

Зербоби дуюми боби якум – «**Манбаъҳои танзими ҳуқуқии таъминкунӣ бо нерӯи барқ**» номгузорӣ шудааст.

Яке аз аввалин санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки танзимгари масоили таъминкунӣ бо нерӯи барқ буд «Низомнома дар бораи муносибатҳои байни нерӯгоҳҳои барқӣ, зерсохторҳо ва шабакаҳои тақсимотӣ бо истеъмолкунандагони нерӯи барқ» мебошад, ки ҳанӯз 27 декабри соли 1929 бо Қарори ШКХ ИҶШС тасдиқ гардида аст. Ин санад зарурияти бастани шартномаҳо оиди таъмин бо нерӯи барқро пешбинӣ менамуд.

Пас аз барҳам хурдани ИҶШС санади мазкур дар баробари дигар санадҳои қонунӣ ва зерқонунӣ оҳиста – оҳиста аҳамияти худро гум намуд. Аз ин рӯ зарурияти қабул намудани санади махсуси зерқонунии танзимкунандаи истифодаи нерӯи барқ ба миён омад. Бинобар ин 6 марти соли 1998 бо қарори Ҳукумати ҶТ Қоидаҳои истифодаи нерӯи барқ қабул гардида ин санад то ҳол амал карда истодааст.

Ҳамин тариқ, Қоидаҳои истифодаи нерӯи барқро метавон ҳамчун санади меъёрӣ – ҳуқуқие тавсиф намуд, ки: якум, он аз маҷмӯи меъёрҳои ташкилӣ – техникӣ ва ҳуқуқӣ иборат аст; дуюм, меъёрҳои техникии он заминаи техникии бастани шартномаҳо байни муштарӣ ва ташкилоти таъминкунанда бо нерӯи барқро дарбар мегиранд; сеюм, Қоидаҳо доираи субъектҳоеро, ки ба сифати истифодабарандаи нерӯи барқ баромад мекунанд, муайян мекунад; чорум, он ҳуқуқу уҳдадориҳои муштариён ва ташкилотҳои таъминкунанда бо нерӯи барқро ҷиҳати иҷрои меъёрҳои техникӣ ва ҳуқуқии дахлдор ва ҷавобгарии ҳуқуқиро барои иҷро накардани онҳо муқаррар мекунад (Ш.М. Исмоилов).

Дар КГ ҶТ (қисми дуюм) ба таъмини барқ 11 модда (моддаҳои 569 – 579) бахшида шудааст.

Муаллиф иброз медорад, ки дар қонунгузории граждании ҶТ вобаста ба шартномаи таъмини барқ баъзе норасоиҳо то ҳол ҷой доранд, ки зарур аст ҳалли худро таққозо намоянд. Масалан, ҷой доштани баъзе номувофиқии байни матнҳои тоҷикӣ ва русӣ дар КГ ҶТ. Аз ҷумла, дар матни тоҷикии м. 570 КГ ҶТ ба мӯҳлати номуайян баста шудани шартномаи таъмини барқ ишора шудааст, дар ҳоле ки дар матни русии ин модда чунин муқаррарот умуман вуҷуд надорад. Ба мақсади бартараф намудани чунин камбудии ҷиддӣ мувофиқ намудани матни русии м. 570 КГ ҶТ-ро пешниҳод кардааст.

Боби дуюми диссертатсия – «**Масоили ҳуқуқии шартномаи таъмини барқ**» аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби дуюм – «**Мафҳум ва табиати ҳуқуқии шартномаи таъмини барқ**» номгузорӣ шуда, ба андешаи рисоланавис шартномаҳо дар бахши бо нерӯи барқ таъминкуниро ба сифати яке аз навъҳои шартномаи хариду – фурӯш эътироф намудан мумкин аст ва ҳамзамон хусусиятҳои хоси танзими муносибатҳо оид ба расонидани нерӯи барқ ба муштариёнро таъкид мекунанд, ки боиси онҳо хусусиятҳои нерӯи барқ ҳамчун предмети шартнома мегардад (И.Л. Брауде, В.В. Витрянский, Н. Шонасурдинов, Л.И. Шевченко). Муаллиф вобаста ба ҳолати зикршуда, ба чунин хулоса омада қайд менамояд, ки шартномаи таъмини барқ як намуди алоҳидаи шартномаи хариду фурӯш маҳсуб меёбад, ки дар қиёс бо дигар намудҳои шартномаи хариду фурӯш танзими хоси ҳуқуқиро тақозо менамояд. Аз ҷумла: таҳвили мол ба истеъмолкунанда бо роҳи интиқоли энергия тавассути шабакаи пайвастшуда ба дастгоҳи барқии ин истеъмолкунанда сурат мегирад; ба зимаи муштарӣ вазифаҳои иловагӣ баҳри таъмини риояи реҷаи истифодаи нерӯи барқ, бехатарии истифодаи шабакаҳои дар ихтиёраш қарордошта, бекамукостии лавозимот ва таҷҳизоти дахлдори алоқаманд бо истифодаи чунин маҳсулоти махсус, ҳамчун энергия, гузошта мешавад; ба ташкилоти таъминкунандаи энергия дар ҷодаи назорати ҳолати техникии дастгоҳи энергетикӣ, лавозимоту таҷҳизоти муштарӣ, ҳуқуқҳои иловагӣ дода мешавад; нерӯи барқро ба мисли чизҳои дигар дар анборҳо нигоҳ доштан, ба миқдори зиёд, аз ҷумла дар аккумуляторҳо ҷамъ намудан, ғайриимкон аст; энергияро ба мисли дигар ашёҳо дида ва ламс намудан ғайриимкон мебошад.

Зербоби дуюми боби дуюм – «**Тарафҳо, тартиб ва шакли бастани шартномаи таъмини барқ**» номгузорӣ шуда, рисоланавис қайд менамояд, ки мафҳумҳои ташкилоти таъминкунандаи барқ ва мизоҷ дар КГ ҶТ дода нашудааст. Мафҳуми ташкилоти таъминкунандаи барқ дар м. 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи энергетика» оварда шудааст. Мутобиқи он ташкилоти таъминкунандаи барқ шахси ҳуқуқӣ ва ҳамчун субъекти монополияи табиӣ сарфи назар аз шакли моликияташ, ки ба як ё якчанд намуди фаъолият дар энергетика машғул аст, мебошад (М.И. Брагинский, В.В. Витрянский, И.А. Лукьянцева, Е.Б. Огиренко, М.З. Раҳимзода).

Муҳақиқ қайд мекунад, ки тибқи шартномаи таъмини барқ муштарӣ низ субъекти асосӣ ба шумор меравад. Қайд мегардад, ки

то ба наздикӣ, таърифи «муштарӣ (истеъмолкунанда)» дар санадҳои меъёрӣ умуман вуҷуд надошт. Таърифи ин мафҳумҳо дар Қонуни ҶТ «Дар бораи энергетика» ифода шудааст.

Сарфи назар аз саросар ҷой доштани муносибатҳои субмуштаригӣ, онҳо дар қонунгузорӣ амалан ҳаллу фасли худро наёфтаанд. Ба ин масъала танҳо м. 576 КГ ҶТ бахшида шудааст. Ба ақидаи муаллиф дар муносибатҳои субмуштаригӣ муштарӣ дар назди ташкилоти таъминоти энергия ҳамчун истеъмолкунандаи неруи барқ баромад мекунад, бинобар ин, барои аз тарафи муштарии фаръӣ иҷро накардан ё ғайридахлдор иҷро намудани ӯҳдадориҳо муштарӣ масъул мебошад. Ҳамин тариқ, муштарӣ дар назди муштарии фаръӣ ҳамчун субъекти таъминкунанда бо неруи барқ баромад мекунад.

Муаллиф қайд мекунад, ки азбаски интиқоли неруи барқ ба муштарии фаръӣ танҳо ҳуқуқи муштарӣ мебошад, пас вай метавонад ҳама вақт аз интиқоли неруи барқ ба муштарии фаръӣ даст кашад. Дар чунин ҳолат розигии ташкилоти таъминкунанда бо неруи барқ талаб карда намешавад.

Ба ақидаи муаллиф, муносибатҳои дар боло зикршудаи байни ташкилоти бо неруи барқ таъминкунанда, муштарӣ ва муштарии фаръӣ бояд дар шартномаи алоҳидаи байни онҳо басташуда муайян шаванд (Л. Андреева).

Қайд мегардад, ки муносибатҳои байни муштарӣ ва муштарии фаръӣ баҳсталаб аст, чунки муштарӣ намехоҳад, ӯҳдадории иловагиро ҳангоми додани неруи барқ ба муштарии фаръӣ пайдо кунад. Дар робита ба ин, муаллиф дар қ. 3, м. 576 КГ ҶТ вогузор намудани ӯҳдадориҳои муштариро ба зиммаи муштарии фаръӣ зимни интиқоли неруи барқ зарур медонад.

Азбаски шакли бастани шартномаи таъмини барқ дар қонунгузории граждании ҶТ муайян карда нашудааст, муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар қисми 2 КГ ҶТ шабеҳи шартномаҳои хариду фурӯши ашёҳои ғайриманқул, корхона, тӯҳфа, иҷора, пудрат ва ғайра, шакли хаттии оддии бастани он муқаррар карда шавад.

Зербоби сеюми боби дуюм – «**Мазмуни шартномаи таъмини барқ**» номгузорӣ шудааст.

Муаллиф махсусияти мавзӯи шартномаи таъмини барқро дар фарқият аз мавзӯи дигар шартномаҳои хариду фурӯш чунин арзёбӣ мекунад: а) таҳвили мол ба истеъмолкунанда бо роҳи

интиқоли энергия тавассути шабакаи пайвастшуда ба дастгоҳи барқии ин истеъмолкунанда сурат мегирад; б) ба зимаи муштарӣ вазифаҳои иловагӣ баҳри таъмини риояи речаи истифодаи нерӯи барқ, бехатарии истифодаи шабакаҳои дар ихтиёраш қарордошта, бекамукостии лавозимот ва таҷҳизоти дахлдори алоқаманд бо истифодаи чунин маҳсулоти махсус, ҳамчун энергия, гузошта мешавад; в) ба ташкилоти таъминкунандаи энергия дар ҷодаи назорати ҳолати техникии дастгоҳи энергетикӣ, лавозимоту таҷҳизоти муштарӣ, ҳуқуқҳои иловагӣ дода мешавад; г) нерӯи барқро ба мисли дигар ашё дар анборҳо нигоҳ доштан, ба миқдори зиёд, аз ҷумла дар аккумуляторҳо ҷамъ намудан, ғайриимкон аст; д) энергияро ба мисли дигар ашёҳо дида ва ламс намудан ғайриимкон мебошад.

Муаллифи диссертатсия ба шартҳои муҳими шартномаи таъмини барқ рӯй оварда онҳоро муфассал таҳлил кардааст ва ҷонибдори ақидаи он муаллифоне (Б.М. Сейнароев, Н. Шонасурдинов) мебошад, ки зери мафҳуми мазмуни шартномаи таъмини барқ маҷмӯи шартҳои муайянкунандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои онро мефаҳманд.

Боби сеюми диссертатсия – «**Ҷавобгарии гражданӣ барои вайрон кардани шартҳои шартномаи таъмини барқ**» аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми боби сеюм – «**Асос ва шартҳои ҷавобгарии гражданӣ барои вайрон кардани шартҳои шартномаи таъмини барқ**» муаллифи диссертатсия чунин қайд мекунад, ки асосҳо ва шартҳо гарчанде мафҳумҳои ба ҳам монанд бошанд ҳам, лекин якдигарро иваз намекунанд. Аз ин рӯ, ба сифати асоси ҷавобгарии гражданӣ – ҳуқуқӣ воқеияти ҳуқуқие, ки муносибатҳои муайяни ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад, тағйир медиҳад ё қатъ мегардонад, баромад мекунад, шартҳо бошанд, он аломатҳое ҳастанд, ки умуман ин факт ё паҳлуҳои алоҳидаи онро тавсиф мекунанд (Ш.К. Ғаюров, О.А. Красавчиков, М.П. Крашенинников, М.А. Маҳмудов, М.З. Раҳимов, Ф.С. Сулаймонов).

Ба андешаи муаллиф асоси ҳама гуна ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи таъминкунӣ бо нерӯи барқро ҳуқуқвайронкунӣ, ки факти ҳуқуқӣ мебошад, ташкил медиҳад.

Қайд мегардад, ки аз ҳам ҷудо кардани мафҳумҳои «асос» ва «шартҳои» ҷавобгарии ҳуқуқӣ-гражданӣ зарурати бебаҳс аст. Асос он чизест, ки боиси ягон падида мегардад, таҳкурсиест, ки

ин падида ба он такя мекунад ва табиати онро муайян месозад, шартҳо бошанд, нишонаҳое ҳастанд, ки асосро тавсиф намуда, бидуни онҳо ин падида ба вуҷуд намеояд.

Дар робита ба гунаҳгории ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда, рисоланавис ба якчанд нуқта таваҷҷуҳ намудааст:

1. Маҳдудияти муваққатӣ ва ночизи интиқоли нерӯи барқ ба истеъмолкунандагон, ҳангоми поин рафтани захираҳои обии нерӯгоҳҳои барқии гидравликӣ, ташкилотҳои таъминкунандаи энергия аз ҷавобгарии муқаррарнамудаи КГ ҶТ барои иҷро накардани уҳдадориҳои шартномавӣ, озод карда намешаванд;

2. Ташкилоти таъминкунандаи энергия, ки ба танаффуси интиқоли энергия бе огоҳонии дахлдор роҳ дода аст, уҳдадор мебошад, зарари ба истеъмолкунанда дар натиҷаи ин амалҳо расонидаашро талофӣ намояд, агар танаффус бо зарурати андешидани тадбирҳои фаврӣ баҳри пешгирӣ ё бартараф намудани садама дар системаи энергетикии ташкилоти таъминкунандаи энергия алоқаманд набошад;

3. Танаффусе, ки дар интиқол ё маҳдуд намудани интиқоли барқ бинобар садамаҳои техникӣ дар шабакаҳо ё дар таҷҳизоту дастгоҳҳои ташкилоти таъминкунанда бо энергия, ки дар натиҷаи ҳолатҳои тибқи шартнома ё қоидаҳои таъмини энергия ба ҳолатҳои форс – мажор тааллуқманд набуда рӯй додаанд, барои ташкилоти таъминкунанда бо энергия уҳдадорӣ оид ба талофии зарари расидаро ба бор меоваранд, яъне дар ин ҳолат ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ фаро мерасад.

Зербоби дуюми боби сеюм – «**Шаклҳои ҷавобгарии гражданӣ -ҳуқуқӣ барои вайрон кардани шартҳои шартномаи таъмини барқ**» – муаллиф қайд менамояд, ки мутобиқи қонунгузории ҷории ҶТ, шаклҳои асосии ҷавобгарии гражданӣ – ҳуқуқӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳо ноустуворона ва талофии зиён ба шумор мераванд (Ш.К. Бадалов, И.Ҳ. Бобоҷонов, М.А. Маҳмудов, Ш.Т. Тағойназаров).

